Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ
734025, ш. Душанбе, кучаи С.Айнӣ, 44

# ТАҚРИЗИ

**ба автореферати диссертатсияи Ализода Олимҷон Маҳмуд дар мавзуи «Таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикситон: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.01 – Амнияти иқтисодӣ пешниҳод мегардад**

Аҳамияти мавзӯи интихобшудаи диссертатсия аз он иборат аст, ки дар марҳалаи муосир масъала ва мушкилоти марбут ба таъмини озуқа ва амнияти озуқавории давлат барои ноилшавӣ ба ҳадафи олии стратегии миллии рушд то давраи 2030 вазифаҳои афзалиятноки стартегияи рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар асоси ин тартиб додани тадбирҳо ва ба амал баровардани чорабиниҳое, ки ба қонеъ гардондани талаботи аҳолии ҷумҳурӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат нигаронида шудаанд, ҳам барои илм ва ҳам барои амалия аҳамияти хоса дорад.

Ҳалли вазифаҳои дар роҳи расидан ба таъмини амнияти озуқаворӣ муносибати ҳамаҷонибаро тақозо мекунад, зеро бо назардошти хусусиятҳои ташаккул ва рушди маҳалликунонии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ-озуқаворӣ имкон медиҳад (саҳ. 16), ки барои баланд бардоштани самаранокии онҳо тадбирҳои мушаххасу муассир андешида шаванд. Далели ин ҷо метавонад дар он бошад, ки пас аз ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС вазъи бозори озуқавории кишвар, бахусус бозорҳои маҳаллӣ, сол то сол аз маҳсулотҳои озуқавории воридоти таъмин шудаистодааст ва тавре муаллиф дуруст қайд мекунад, дар шароити Тоҷикистон шарти асосии таъмини амнияти озуқаворӣ ин дастгирии тамоюли минтақавӣ ва маҳаллигардонии истеҳсолоти маҳсулоти озуқаворӣ ба ҳисоб рафта, ташаккули низомҳои устувори кишоварзӣ-озуқаворӣ метавонанд ба таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат кунанд (саҳ.20).

Ҳамаи гуфтаҳои болозикр бешубҳа мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти интихобкардаи Ализод Олимҷон Маҳмудро тасдиқ мекунанд.

Дар автореферати диссертатсия ҷанбаҳои назариявии масъалаи

таҳқиқшаванда ба таври мухтасар оварда шуда аст. Аз нигоҳи мо, нуқтаи асосии илман асоснок шуда, ки дар автореферати муалиф оварда шудааст, ин шарҳи амнияти озуқаворӣ ҳамчун шарти асосии муайянкунандаи мавҷудияти бехатарии ҷомеа ва тарроҳи асосии амнияти иқтисодии ҳар як кишвар мебошад. Инчунин қайд шуда аст, ки дар шароити Тоҷикистон шарти асосии таъмини амнияти озуқаворӣ ин дастгирии тамоюли минтақавӣ ва маҳаллигардонии истеҳсолоти маҳсулоти озуқаворӣ ба ҳисоб рафта, ташаккули низомҳои устувори кишоварзӣ-озуқаворӣ метавонанд ба таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат кунанд.

Муаллиф методологияи баҳодиҳии амнияти озуқаворӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ дар асоси нишондиҳандаҳо ва индикаторҳои коркардшудаи олиимон ва ташкилотҳои байналмилалӣ мавриди омӯзиш қарор дода, бо ҳисоби ҳама ҷанбаҳои географӣ, демографӣ, экологию кадастрии арзёбии амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз дигар кишварҳо фарқ мекунад, шохиси сатҳи амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян карда аст (саҳ.22).

Паҳлӯи дигари арзишҳманди автореферати тақризшаванда аз он иборат аст, ки муаллиф дар рафти таҳқиқот комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлил қарор дода, ҳолати муосири сатҳи худтаъминкунии аҳолии кишварро бо маҳсулоти озуқаворӣ, ки аз ҷониби кишоварзони ватанӣ истеҳсол карда шудааст муайян карда аст. Аaз ҷониби муалиф самтҳои ояндадор оид ба такмил додани механизмҳои дастгирии давлатии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда асоснок карда шуда (саҳ.51), оид ба диверсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ ҷорӣ намудани кишоварзии барқароршаванда, айвонӣ ва гидропоника ҳамчун самтҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ пешниҳод гардида аст (саҳ.52). Аз нигоҳи мо таҳияи доктринаи алоҳидаи таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар автореферати муалиф ассоснок ва пешниҳод кардааст, оқилона ва саривақтӣ мебошад.

Хулоса, чуноне ки аз автореферат бар меояд, диссертатсия дар мавзӯи хело муҳим, стратегӣ ва айни замон мубрам анҷом дода шудааст ва ба талаботи навиштани чунин кор ҷавобгӯй мебошад.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбии автореферат боз баъзе камбудӣ ва норасоиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар рафти омӯзиши ҷанбаҳои амалии амнияти озуқаворӣ, муаллиф ба таҷрибаи давлатҳои хориҷие, ки дар таъмини амнияти озуқаворӣ ба комёбиҳои назаррас ноил гардидаанд тавачуҳ мекард, фикр мекунам кор боз ҳам ранги хубтар мегирифт.

2. Омилҳои ба диверсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ дар натиҷаи ҷорӣ намудани кишоварзии барқароршаванда, айвонӣ ва гидропоника таъсиррасонро мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Мулоҳизаҳои дар боло овардашуда арзиши умумии аторефератро паст намекунанд ва ба натиҷаҳои асосии рисола таъсир намерасонанд.

Дар маҷмуъ бояд қайд намуд, ки сохтори автореферати диссертатсияи Ализода Олимҷон Маҳмуд ба мавзуи мубарми руз бахшида шуда, мантиқан он ба итмом расонида шуда, ба талаботхои КОА назди Президента Чумхурии Точикистон бандхои 31-35-и Тартиби до дани дарачдхои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст пурра мувофиқат мекунад ва муалифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.06.01 - Амнияти иқтисодӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
**Ректори Доиишгоҳи техникии Тоҷикистон**
**ба номи академик М.С.Осимӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Давлатзода Қ.Қ.**

Имзои д.и.и. профессор Қ.Қ. Давлатзода -ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ Қодирзода Н.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон 734042,
ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10,
Тел.: +992 (372) 21-35-11, Факс:+992 (372) 23-02-46,
E-mail: info@ttu.tj, ttu@ttu.tj, Сомонаи расмӣ: https://web.ttu.tj